Бо Фармони Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 3 январи соли 2011, № 976

тасдиқ карда шудааст

# Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013

Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011- 2013 (минбаъд - Барнома) идомабахши ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар заминаи паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2009 ва 24 апрели соли 2010 таҳия гардидааст.

Мақсад аз таҳияи Барномаи мазкур таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳимояи манфиатҳои қонунии давлат, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, такмили сохторҳои судӣ ва тақвияти фаъолияти онҳо, беҳдошти вазъи моддию ҳуқуқии мақомоти судӣ ва судяҳо, инчунин мукаммал намудани қонунҳо мебошад.

## I. Мақсад ва вазифаҳои Барнома

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои онро арзиши олӣ эътироф намуда, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсонро дахлнопазир дониста, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат додааст.

Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсону шаҳрванд, риояи қонун ва таъмини адолат вазифаи аввалиндараҷаи давлат ба ҳисоб меравад. Дар амалӣ намудани ин ҳадафҳои олӣ ва рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ низоми дақиқаи муайяншудаи мустақил ва беғарази судӣ ҳамчун як шохаи мустақили ҳокиммяти давлатӣ нақши муҳим дорад.

Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007 №271 тасдиқ гардидааст, дар такмили қонунҳои амалкунанда, қабули кодексу қонунҳои нав, ташкили сохторҳои нави судӣ ба монанди коллегияҳои маъмурӣ ва оилавӣ, таъсис додани вазифаи ёрдамчии судя, амалӣ намудани дигар чорабиниҳои соҳавӣ ва ниҳоят дар таҳкиму тақвияти ҳокимияти судӣ нақши назаррас касб намуд. Бинобар ин идома додани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ талаби замон мебошад.

Дар ин раванд пеш аз ҳама бояд сохтори мақомоти судӣ ва салоҳияти он такмилу тавсеа ёбад. Вазифаҳои онҳо мушаххас ва фаъолияташон шаффоф гардонида шавад. Ҳамзамон талаботҳои тахассусӣ ҳангоми таъин ва интихоби судяҳо, баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии онҳо пурзӯр карда шавад. Маърифати баланди ахлоқӣ ва дараҷаи касбию зеҳнӣ, дониши амиқи ҳуқуқӣ, одоби муошрати касбии судягӣ, адлу инсоф, беғаразӣ, ҳисси баланди эҳтиром ба халқу Ватан, Конститутсия ва қонунҳо, адолатнокию поквиҷдонӣ бояд меъёри асосии муайянкунандаи шахсият ва фаъолияти ҳар як судя бошад. Хоста гирифтан ва таъину интихоби судяҳо, инчунин фаъолияти онҳо аз рӯи талаботи зикргардида бояд амалӣ карда шавад. Аз ин рӯ ба мақсад мувофиқ аст, ки Кодекси одоби судяҳо дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шавад.

Коррупсия кирдори зиддиахлоқӣ ва зиддиқонунӣ буда, дар баробари расонидани зарар ба асосҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии давлат, метавонад обрӯю эътибори ҳокимияти давлатиро коҳиш диҳад ва ба бесамару суст гардидани фаъолияти он боис шавад. Бинобар ин дар доираи Барномаи мазкур тадбирҳои зиддикоррупсионӣ дар фаъолияти мақомоти судӣ пешбинӣ гардидаанд.

Тақвият бахшидан ба масъалаҳои ташкилӣ, яъне таъмини сатҳи зарурии шароити моддию техникӣ ва ташкилии судҳо, аз ҷумла, бо биною таҷҳизоти муосир ва воситаҳои нақлиёти хизматӣ таъмин намудани онҳо, беҳдошти вазъи иҷтимоию маишии судяҳо, махсусан бо манзили истиқоматии хизматӣ таъмин кардани онҳо, давра ба давра зиёд намудани музди меҳнати судяҳо яке аз омилҳои таҳкими мавқеи ҳокимиятӣ судӣ дар ҷомеа ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупусионидошта дар мақомоти судӣ ба ҳисоб рафта, ба иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар муқовимат ба коррупсия мусоидат менамояд. Дар ин самт пешбинӣ намудани афзоиши маблағгузории мақомоти судӣ ҳамасола дар буҷети давлатӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамчунин ба мақсад мувофиқ аст, ки вазъи иҷтимоии раисон, муовинони аввали раисон, муовинони раисон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, судяҳои ҳарбӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, суди шаҳри Душанбе, судҳои шаҳр, ноҳия ва судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо шаҳри Душанбе ва кормандони дастгоҳҳои судҳои зикргардида мувофиқан ба вазъи иҷтимоми кормандони дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ баробар карда шавад.

Пурра намудани ҳайати баъзе судҳо ва ба танзим даровардани сарбории судяҳо ба қонунан баррасӣ намудани парвандаҳои судӣ, кафолати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд, таъмини адолати иҷтимоӣ ва иҷрои вазифаҳои дар назди судҳо гузоштаушуда алоқамандии зич дорад. Бинобар ин зарур аст, ки масъалаҳои мазкур бо санадҳои дахлдор танзим карда шавад.

Дар алоҳидагӣ қабул гардидани қонунҳои моддӣ ва мурофиавӣ, барои ба таври содда ва шаффофу дақиқ баррасӣ намудани парванда, гузаронидани тафтишоти судӣ ва таҳияю қабули қарорҳои қонуниву асоснок

аҳамияти хоса дорад. Бинобар ин зарурат ба миён меояд, ки қисми мурофиавӣ аз Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шуда, дар заминаи он Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шавад.

Такмил додани қонунҳои моддию мурофиавӣ ва дигар қонунҳои марбута ба татбиқи якхелаи онҳо, бартараф намудани монеаҳои зиёдатӣ, аз ҷумла такмили марҳилаҳои судӣ, сари вақт ва дар мӯҳлати кӯтоҳ баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани парвандаҳо, роҳ надодан ба кашолкорӣ ва умуман беҳдошти фаъолияти судҳо, осону камҳаҷм намудани кори судяҳо, бартараф намудани ҳолату меъёрҳои ба содир намудани амалҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда ва дар ниҳояти кор ба таъмини риояи ҳуқуқҳои конститутсионии инсону шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, амалигардидани қонунҳо ва таъмини адолат мусоидати ҳамарафа менамояд. Зеро омӯзиш ва таҳлили фаъолияти судҳо нишон дод, ки барои ҳалли як баҳси граждании ва ё иқтисодӣ тарафҳо тавассути марҳилаҳои зиёд ва тарзу усули мураккаби баррасии парвандаҳо вақтҳои зиёд сарф менамоянд аз чунин тарзу усули кор дар як вақт ба фаъолияти судҳо низ мушкилиҳо эҷод мекунад.

Дар ин раванд Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо назардошти принсипҳои башардӯстӣ ва мутобиқгардонии он бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бояд дар таҳрири нав қабул карда шавад. Дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси мазкур ҷиҳати аз байн бурдани таносуби зиёди андозаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ барои як кирдор, таҷдиди назар намудани намудҳои ҷазои ҷиноятӣ ва ғайриҷиноигардонии (декриминализатсияи) баъзе кирдорҳо, такмили принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ, мушаххас ва содда намудани мазмуну мӯҳтавои он дар вақти истифода, таъмини принсипи адолати иҷтимоӣ ва пешрафти кори судҳо мусоидат менамояд.

Принсипи конститутсионии мустақил будани судяҳо дар он зоҳир мегардад, ки судяҳо дар фаъолияти худ танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Аз ин лиҳоз, мутобиқи санадҳои ҳуқуқии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асоси он яккасардорӣ мебошад, аз рӯи дараҷаи рутбаи ҳарбӣ мувофиқан тобеи якдигар будани судяҳо ва ҳамчун хизматчии ҳарбӣ, ба Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб будани онҳо, ба принсипи номбаргардида мувофиқат намекунад. Ин ҳолатҳо зарурати ғайрнизомӣ гардонидани судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳои ҳарбиро тақозо менамояд.

Бо назардошти инкишофу пешрафт ва рушду нумӯи босуръати соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа зарурияти такмилу тақвияти фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти ҳифзкунандаи меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон шарт ва зарур аст. Зеро дар пойдории давлату таъмини истиқлолияти давлатӣ ва ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиати давлату ҷамъият Суди конститутсионӣ нақши муҳиму муассир дорад. Ин амал пеш аз ҳама тавассути мурофиаи судии конститутсионӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ зарур аст, ки фаъолияти Суди конститутсионӣ, аз ҷумла ниҳоди мурофиаи судии конститутсионӣ тавассути қонунгузорӣ такмил дода шавад. Инчунин, тартиби иштироки ҳайати Суди конститутсионӣ дар нахустин ҷаласаи ҳайати нави Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе дигар самтҳои фаъолияти он бояд дар қонунгузорӣ ба таври мушаххас пешбинӣ карда шаванд.

Бо ин мақсад бояд Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо назардошти такмили қисми мурофиавии он дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шавад.

Айни ҳол баъзе хизматчиёни давлатии дастгоҳи судҳои ҳарбӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, суди шаҳри Душанбе, судҳои шаҳр, ноҳия ва судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо шаҳри Душанбе аз тарафи Раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзеи онҳо аз тарафи раисони судҳо ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Ин ҳолат ба пешрафти кори судҳо монеа эҷод мекунад. Бинобар ин, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани корҳо вобаста ба хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар дастгоҳи судҳо ва дар оянда тайёр намудани онҳо ба вазифаи судягӣ бояд тартиби ба вазифа таъин намудан ва аз вазифа озод намудани хизматчиёни давлатии дастгоҳи судҳои номбурда таҷдиди назар карда шавад. Дар ин раванд зарур аст, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳанӯз ҳам дар масъалаи тобеияти идоравии парвандаҳои гражданӣ, иқтисодӣ, оилавӣ ва маъмурӣ камбудиҳо мушоҳида карда мешавад. Аз ин рӯ, ваколатҳои судҳои умумӣ ва судҳои иқтисодӣ бояд дар ин самт дар қонунҳо мушаххас нишон дода шаванд.

Новобаста аз он ки низоми иҷрои санадҳои судӣ (истеҳсолоти иҷро) ба тобеияти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст, ҳанӯз ҳам дар ин самт масоили ҳалталаб боқӣ мондааст. Дар натиҷа иҷрои баъзе санадҳои судӣ мӯҳлатҳои тӯлонӣ идома ёфта, сабаби вайрон шудани ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва то андозае коста гардидани эътибори ҳокимияти судӣ гардидааст. Бояд қайд намуд, ки пайваста зиёд гардидани теъдоди санадҳои судӣ ва нокифоя будани шумораи судиҷрочиён низ ба иҷрои саривақти санадҳои судӣ таъсири манфӣ мерасонад. Зиёд намудани шумораи судиҷрочиён метавонад дар ҳалли масъалаи мазкур мусоидат намояд. Бинобар ин масъалаи мазкур бояд бо роҳи такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳалли худро пайдо кунад.

Бо мақсади таъмини шаффофияти фаъолияти судҳо ва тавсеаи бештари ин раванд ба мақсад мувофиқ аст, ки дар мақомоти мазкур сомонаҳои интернетӣ кушода шавад.

Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои маҳаллии он дар пешрафти фаъолияти судӣ нақши муҳим доранд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти ин мақом таҷдиди назар ва такмил дода шавад.

Мӯҳлати ваколати судяҳо ва такмили талаботи тахассусӣ нисбати онҳо яке аз шартҳои асосии кафолати таъмини мустақилият ва беҳдошти фаъолияти судҳо буда, барои аз тарафи судяҳо софдилона ва бенуқсон иҷро намудани ӯҳдадориҳои вазифавиашон мусоидати бештаре хоҳад кард. Бинобар ин, масоили талаботи тахассусӣ нисбати судяҳо (аз ҷумла синни таъин ё интихоб ба мансаби судягӣ, мавҷудияти собиқаи корин дахлдор), ба вазифаи судягӣ бемӯҳлат таъин ё интихоб намудани судяҳое, ки зиёда аз даҳ сол фаъолият карда, мусбӣ тавсия шудаанд ва тафсир додани Констнтутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Суди конститутсионӣ бояд мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор дода шавад.

Тибқи талаботи Конститутсия ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад. Бинобар ин таҳия ва қабули санади қонунгузорӣ дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ метавонад ба таъмини ҳифзу ҳимояи инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, амалӣ намудани адолати судӣ, қабули санадҳои асоснок ва қонунии судӣ мусоидат намояд.

Ҷиҳати амалӣ намудани мақсад ва ҳадафҳои Барномаи мазкур, инчунин ҳалли масоили зерин ногузир аст:

- омӯзиши масъалаи маҳдуд намудани баррасии парвандаҳо дар Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи марҳилаи якум;

- барҳам додани марҳилаи апеллатсионӣ дар судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- васеъ намудани салоҳияти марҳилаи касатсионӣ;

- омӯзиши масъалаи дар доираи як коллегияи тахассусӣ муттаҳид кардани коллегияи тахассусии судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коллегияи тахассусии судяҳои ҳарбӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, суди шаҳри Душанбе, судҳои шаҳр, ноҳия ва судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшои, вилоятҳо, шаҳри Душанбе;

- такмили таъмини баробарҳуқуқии тарафҳо дар мурофиаи судӣ, аз ҷумла иштирок дар тамоми марҳилаҳои баррасии парванда;

- таҷдиди назар кардани боздоштани амали санадҳои судӣ аз тарафи мақомоти прокуратура ҳангоми бо асосҳои дар қонун пешбинигардида барои омӯзиш талаб карда гирифтани парвандаҳо аз суд.

## II. Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013

| р/т | Номгўи чорабиниiо | Мўiлат | Иїрокунанда |
|---|---|---|---|
| 1. | Бо mascади такмили sонунгузории мурофиавии маъмурњ ва фароiам овардани шароит їиiати ба таври содда ва шаффофу dasis баррасњ намудани парвандаiои маъмурњ, гузаронидани тафтишоти судњ ва аз тарафи судiо sабул намудани sарорiои sонуниву асоснок таiия ва пешниiод намудани лоиiаи Кодекси мурофиавии iysysвайронкунии маъмурии Їумiурии Тоїикистон | Соли 2011 | Гурўiи корњ, ки бо амри Президенти Їумiурии Тоїикистон аз 26 августи соли 2010 №РП-1385 таъсис дода шудааст |
| 2. | Таiлили sонунгузории Їумiурии Тоїикистон їиiати ворид намудани таљйиру иловаiои дахлдор вобаста ба беiгардонии фаъолияти низоми адолати судњ бо mascади:<br>- ба iама баробар таъмин намудани дастрасии адолати судњ ва саривast баррасњ намудани парвандаiо дар суд;<br>- рушди мурофиаiои тосудњ ва Жљайрисудии iалли баiсiо, пеш аз iама байни шаiрвандон ва masомоти давлатњ;<br>- муайян намудани тартиби дурусти tascими парвандаiо байни судяiо;<br>- таiия ва татбиsи механизми пешниiоди ахбори iарсола дар бораи фаъолияти iар як судя ва баланд бардоштани масъулияти судяiо дар | Соли 2011 | Шўрои адлия Суди Олњ Суди Олии иstисодњ Вазорати адлия Прокуратураи генералњ Маркази миллии sонунгузорњ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | sабули sароріо; -таікими механизми такмили ихтисос ва аттестатсияи судяіо | | |
| 3. | Ворид намудани таљйиру иловаіо ба sонунгузории мурофиавии Їуміурии Тоїикистои вобаста ба мўілат ва тартиби баррасии парвандаіо, инчунин дигар масъалаіое, ки аз иїрои Барномаи мазкур бармеоянд | Соли 2011 | Шўрои адлия Суди Олњ Суди Олии иsтисодњ Прокуратураи генералњ Вазорати адлия Маркази миллии sонунгузорњ |
| 4 | Таіия ва sабули санади іуsуsии дахлдор оид ба тартиби пурра намудани іайати баъзе судіо ва ба танзим даровардани сарбории судяіо | Соли 2011 | Шўрои адлия Суди Олњ Суди Олии иsтисодњ |
| 5. | Бо маsсади такмили низоми истеісолоти иїро ва аз байн бурдани мухолифат дар ин самт таіия ва пешниіод намудани лоиіаи санадіои дахлдори меъёрии іуsуsњ | Соли 2011 | Вазорати адлия Суди Олњ Суди Олии иsтисодњ Шўрои адлия Прокуратураи генералњ |
| 6. | Таїдиди назар намудан ва такмил додани санадіои меъёрии іуsуsии танзимкунандан фаъолияти Шўрои адлияи Їуміурии Тоїикистон | Соли 2011 | Шўрои адлия Вазорати адлия |
| 7. | Ташкил намудани сомонаіои интернетњ дар маsомоти судњ бо маsсади таъмини шаффофияти фаъолияти оніо | Соліои 2011-2013 | Суди конститутсионњ Суди Олњ Суди Олии иsтисодњ Шўрои адлия |
| 8. | Такмил додани фаъолияти ташкилии судіо бо маsсади махсусгардонидани баррасии парвандаіои маъмурњ ва оилавњ | Соліои 2011-2013 | Суди Олњ Суди Олии иsтисодњ Шўрои адлия Вазорати адлия Прокуратураи генералњ |
| 9. | Бо маsсади таквият бахшидани фаъолияти Суди конститутсионии Їуміурии Тоїикистон таіия ва пешниіод намудани лоиіаи Sонуни конститутсионии Їуміурии Тоїикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Їуміурии Тоїикистон" (дар таірири нав) | Соліои 2011-2013 | Суди конститутсионњ Суди Олњ Суди Олии иsтисодњ Шўрои адлия Вазорати адлия |
| 10 | Бо маsсади таsвият бахшидани фаъолияти судіо, таъмини іаматарафаи Жіуsуsу озодиіои инсон ва шаірванд, мушаххас намудани вазифаіои тобеияти идоравии маsомоти судњ таіия ва пешниіод намудани лоиіаи Sонуни конститутсионии Їуміурии Тоїикистон "Дар бораи судіои Їуміурии Тоїикистон" (дар таірири нав) ва лоиіаи дигар санадіои меъёрии іуsуsњ | Соліои 2011-2013 | Суди Олњ Суди Олии иsтисодњ Шўрои адлия Суди конститутсионњ Вазорати адлия |
| 11 | Бо маsсади такмили низоми іуsуsи їиноятњ ва таъмини мутобиsати он ба санадіои іуsуsии байналмилалии аз | Соліои 2011-2013 | Вазорати адлия Прокуратураи генералњ Вазорати |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | тарафи Їуміурии Тоїикистон эътирофгардида, таіия ва пешниіоди Кодекси їиноятии Їуміурии Тоїикистон (дар таірири нав) | | коріои дохилњ Суди Олњ Суди Олии иsтисодњ Шўрои адлия Агентии назорати давлатии молиявњ ва мубориза бо коррупсия |
| 12 | Іамасола пешбинњ намудани афзоиши маблаљгузории маsомоти судњ дар буїети давлатњ ва баробар кардани вазъи иїтимоии судяіо ва кормандони дастгоіи судіо ба вазъи иїтимоии кормандони дигар маsомоти іокимияти давлатњ | Соліои 2011-2013 | Вазорати молия Вазорати адлия Суди конститутсионњ Суди Олњ Суди Олии иsтисодњ Шўрои адлия |
| 13 | Омўзиши масъалаи такмили талаботи тахассусњ нисбати судяіо (аз їумла, синни таъин ё интихоб ба мансаби судягњ, мавїудияти собиsаи корњ), ба вазифаи судягњ бемўіілат таъин ё интихоб намудани судяіое, ки зиёда аз даі сол фаъолият карда, мусбњ тавсия шудаанд, дахлнопазирии судяіо ва тафсир додани Конститутсияи (Сарsонуни) Їуміурии Тоїикистон аз тарафи Суди констнтутсионњ ва пешниіод намудани хулосаіои іуsуsњ їиіати такмил додани санадіои sонунгузорњ, инчунин таъсиси суди минтаsавњ | Соліои 2011-2013 | Суди конститутсионњ Суди Олњ Суди Олии иsтисодњ Шўрои адлия Вазорати адлия |
| 14. | Бо маsсади таsвият бахшидан ба фаъолияти таъмин намудани дастрасии расонидани ёрии іуsуsии баландихтисос таіия ва пешниіод намудани санади sонунгузорњ дар бораи ёрии іуsуsњ | Соліои 2011-2013 | Вазорати адлия Прокуратураи генералњ Суди Олњ Суди Олии иsтисодњ Шўрои адлия Раёсати мушовараи адвокатіо |
| 15 | Омўзиши масъалаи дар доираи як коллегияи тахассусњ муттаіид намудани коллегияіои тахассусии маsомоти судњ | Соліои 2012-2013 | Суди Олњ Суди Олии иsтисодњ Шўрои адлия Вазорати адлия |
| 16 | Таіия ва пешниіоди Кодекси одоби судяіо дар таірири нав | Соліои 2012-2013 | Шўрои адлия Суди конститутсионњ Суди Олњ Суди Олии иsтисодњ Вазорати адлия Ассотсиатсияи судяіои Їуміурии Тоїикистон |